*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №91 (2918) | ҶУМЪА, 13 ИЮЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Кен Гросс аз Тоҷикистон меравад



**9 июли соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Сафири Фавқулодда ва Мухтори Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Тоҷикистон Кен Гроссро бинобар анҷом ёфтани мӯҳлати фаъолияти дипломатиаш дар кишвари мо ба ҳузур пазируфт.**

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти сесолаи Кен Гросс дар Тоҷикистон баҳои баланд дода, изҳор дошт, ки ӯ дар раванди рушди муносиботи дӯстона ва ҳамкории судбахши Тоҷикистону Амрико нақши намоён дошт.

Кен Гросс дар навбати худ нақши Тоҷикистонро дар минтақа муҳим номида, изҳори боварӣ намуд, ки нақшаю барномаҳои кунунӣ ва ояндаи ҳамкории Амрико бо Тоҷикистон самараҳои боз ҳам бештар хоҳанд дошт.

Дипломати амрикоӣ ҳамчунин аз меҳмоннавозӣ ва фарҳанги баланди мардуми Тоҷикистон ёдовар шуда, изҳор намуд, ки ӯ минбаъд низ барои рушди муносиботи судовари Амрико бо Тоҷикистон талош хоҳад кард.

*www.prezident.tj*

## Дар бораи Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум

Иҷлосияи даҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум 19 июли соли 2012 соати $9^{00}$ дар толори маҷлисгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 – 18 июли соли 2012 аз соати $8^{00}$ то соати $17^{00}$ дар бинои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошёнаи дуюм, утоқи №231 ба қайд гирифта мешаванд. Телефонҳо: **10-42, 22-24, 221-81-28, 227-18-98**.

## Сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Озарбойҷон

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 11 июл барои анҷом додани сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Озарбойҷон сафар кард.**

Дар фурудгоҳи байналмилалии пойтахт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Худоёров ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ Ҳамрохон Зарифӣ, мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ Эркин Раҳматуллоев, вазири фарҳанг Мирзошоҳрух Асрорӣ, вазири кишоварзӣ Қосим Қосимов, вазири маориф Нуриддин Саидов, раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маликшо Неъматов ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

*www.prezident.tj*





## Мулоқот бо Раиси Маҷлиси миллии Озарбойҷон

**Бегоҳии рӯзи 11 июл Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои анҷом додани сафари расмӣ вориди шаҳри Боку-пойтахти Ҷумҳурии Озарбойҷон шуд.**

Дар фурудгоҳи байналмилалии ба номи Ҳайдар Алиеви шаҳри Боку Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро муовини аввали Сарвазири Ҷумҳурии Озарбойҷон Яъқуб Аюбов ва дигар шахсони расмӣ бо меҳмоннавозии хоса истиқбол гирифтанд.

Худи ҳамон рӯз Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси миллии (Парлумони) Озарбойҷон Октай Асадов мулоқот намуд.

Дар воҳӯрӣ масоили вобаста ба роҳҳои густариши робитаҳои миёни ду кишвари дӯст, аз ҷумла равобити байнипарлумонӣ, баррасӣ шуд.

Эмомалӣ Раҳмон рушди муносиботи шарикӣ бо Озарбойҷонро аз самтҳои афзали сиёсати хориҷии Тоҷикистон номид ва таъкид дошт, ки наздикии мавқеъҳои ду кишвар доир ба масоили мубрами ҷаҳони муосир заминаи мусоиди густариши робитаҳо мебошад.

Дар ин росто ба нақши мақомоти олии қонунбарори ду кишвар дар таҳким ва рушди муносиботи барои ҳар ду ҷониб судбахш баҳои баланд дода шуд.

*www.prezident.tj*



**Субҳи рӯзи 12 июл дар доираи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Озарбойҷон дар шаҳри Боку музокироти сатҳи олии ду кишвар баргузор гардид.**

## Мулоқот бо Илҳом Алиев

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо эскорди расмӣ ва роҳбаладии қатори мотосиклҳо ба қасри Зугулба ташриф овард.

Маросими истиқболи расмии меҳмони олимақом дар назди ҳамин қасри мӯҳташам баргузор гардид.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев пешвоз гирифта, ба болои минбари ифтихорӣ даъват намуд.

Маросими истиқболи расмӣ бо сафкашии горди фахрӣ, гузориши фармондеҳи он, садо додани сурудҳои миллии ду давлат, гузаштан аз назди қатори сарбозон, арзи салом ба онҳо ва изҳори эҳтиром ба Парчами давлатии Озарбойҷон ва ҳамчунин шиносоӣ бо аъзои ҳайатҳои расмии ду ҷониб ҷараён гирифт.

Баррасии масоили ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистону Озарбойҷон дар мулоқоти хосаи сарони ду давлат оғоз ёфт.

*www.prezident.tj*

**● Дар кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



Суратгир А. ИСОЕВ

## Фазои ҳуқуқии ҷомеа мукаммал мешавад

**10 июли соли 2012 таҳти раёсати Убайдулло Қурбонов ҷаласаи навбатии Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеа баргузор шуд.**

Барои баррасӣ ба рӯзномаи ҷаласа масъалаҳои зерин: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» ворид шуд. Вобаста ба масъалаҳои мавриди баррасӣ аъзои кумита назари худро баён намуда, дар маҷмӯъ онҳоро қобили ҷонибдорӣ донистанд.

Дар анҷоми ҷаласа вобаста ба масъалаҳои фавқуззикр дар алоҳидагӣ хулосаҳои кумита қабул ва ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***



Суратгир А. ИСОЕВ

## Ин қонунро дер боз интизор буданд

**Ёздаҳуми июли соли 2012 ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология баргузор гардид.**

Раиси Кумита Давлатшо Гулмаҳмадов ҷаласаро ифтитоҳ намуда, зикр кард, ки ба рӯзномаи ҷаласа як масъала – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам» ворид шудааст.

- Қонуни мазкур бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. Юсуфӣ, Б. Қурбонов, С. Муқумова, А. Маҳмадалиев, А. Қарақулов ва Ҳ. Одинаев пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагон қабул намудааст.

Қонун асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатиро дар соҳаи захираҳои генетикии набототи корам ва ҳамавлодони худрӯйи онҳо муқаррар намуда, муносибатҳоро вобаста ба ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, таҳқиқ ва истифодабарии оқилонаи соҳаи кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, экологӣ ва биологӣ танзим намуда, аз 6 боб ва 23 модда иборат мебошад, - гуфт Давлатшо Гулмаҳмадов ва илова кард:

-Мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мазкур, объектҳои захираҳои генетикии набототи корам, сиёсати давлатӣ дар соҳа, салоҳияти Ҳукумат, ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, коллексияҳои миллии захираҳои генетикии набототи корам, ҳавасмандии иқтисодӣ ва воқифгардонии ҳамаҷонибаи ҷомеа, тартиби дастрасӣ ба захираҳои генетикии набототи корам, ҳамзамон нигоҳдории захираҳои генетикии намудҳои нодир ва нобудшавандаи набототи корам аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки қонуни зикршуда фаро гирифтааст.

Аъзои кумита С. Шарипов ва Б. Солеҳов фикру мулоҳизаҳояшонро оид ба қонуни номбурда изҳор доштанд.

Хулосаи кумита доир ба ҷонибдории Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои генетикии набототи корам» қабул ва ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд.

***Абдулмаҷид МУРОДОВ,***
***«Садои мардум»***

## Парламентарҳои тоҷик дар қароргоҳи САAШ

**Гурӯҳи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Сайфулло Гиёев, Насрулло Маҳмудов, Баракатулло Атохоҷа ва Абдузафар Иномов дар нишасти парламентарҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистон, ки бо ибтикори бахши ҷамъиятии Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ /НАТО/ дар Белгия доир гардид, иштирок намуданд.**

Дар доираи нишасти мазкур таҳти унвони «Дурнамои ҳамкории Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ» сӯҳбати мизи мудаввар доир гардид, ки дар он вакили Маҷлиси намояндагон Сайфулло Гиёев доир ба мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ибрози назар кард. Мавсуф зикр намуд, ки сиёсати пешгирифтаи Роҳбарият ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои боз» буда, он барои тавсеаи робитаҳои устувору судманд ва дӯстонаи Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, ки ба истиқлолияти давлатӣ, манофеи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиром мегузоранд, мусоидат менамояд.

С. Гиёев ба масъалаи ҳамкории Тоҷикистон бо НАТО дахл намуда, зикр кард, ки Тоҷикистон асосан дар самти мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, қочоқи моводи мухаддир ва дигар зуҳуроти номатлуб бо ин созмон қадамҳои ҷиддӣ мегузорад. Вакили парлумони Тоҷикистон ҳамзамон таваҷҷуҳи аҳли нишастро ба қазияи Афғонистон ҷалб намуда, гуфт, ки Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустин бо неруҳои байналмилалии зиддитеррористӣ ҳамкорӣ дорад. Мавқеи Тоҷикистон дар мавриди ҳалли қазияи Афғонистон ва таъмини сулҳу субот дар ин сарзамин борҳо тавассути суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои баланд садо додааст. Вакили палатаи поёнии парлумони Тоҷикистон ҳамзамон истифодаи таҷрибаи сулҳи тоҷиконро дар мавриди ҳалли низоъ ва таъмини сулҳу оромӣ дар сарзамини Афғонистон таъкид кард.

***АМИТ «Ховар»***

**Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 10 июл бо сафари корӣ ба шаҳри Роғун ташриф овард ва зимни он ҳамчунин бо рафти корҳои барқарорсозӣ дар Неругоҳи барқи обии «Роғун» шинос шуда, бо фаъолони шаҳр мулоқот анҷом дод.**





# Сафари кории Сарвари давлат ба шаҳри Роғун

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо рафти барқарорсозии иншооти мавҷуда ва омодагӣ ба идомаи сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» аз сатҳ ва сифати баланди корҳо изҳори қаноатмандӣ карда, таъкид дошт: «Ҳар як бинокори ин иншооти тақдирсоз бояд хуб эҳсос намояд, ки Неругоҳи «Роғун» барои садсолаҳо пешбинӣ шудааст ва сифати корҳо бояд ба ин ҳадафи воло мутобиқ бошад». Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин изҳор дошт, ки Неругоҳи «Роғун» бояд асрҳо ба мардуми Тоҷикистон ва кулли минтақа хизмат карда, танҳо манфиат расонад ва ҳеҷ зиёне надошта бошад». Дастуру ҳидоятҳо, ҳамчунин доир ба сарфаю сариштакорона истифода бурдани маблағҳои буҷетию саҳмияҳои мардум ва масолеҳи сохтмонӣ дода шуд.

Аз сифати хуби корҳои барқарорсозӣ ва омодагӣ ба идомаи сохтмон ва ҳамчунин табъу рӯҳияи баланди бунёдгузорони ин кохи нурофарин бараъло аён аст, ки дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро оид ба устувору босифат анҷом додани ҳар як амал сармашқи кор кардаанд.

Зимни мулоқот бо фаъолони шаҳри Роғун, ки бо иштироки масъулини сатҳи ҷумҳуриявӣ ва роҳбарони як зумра шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ баргузор гардид, ба роҳбарияту аҳли заҳмати онҳо доир ба ҷамъоварии ҳосили ғалладона, ба роҳ мондани кишти такрорӣ дар заминҳои обӣ, омодагӣ ба зимистон, барои ду сол захира кардани озуқаворӣ, сӯзишворӣ ва хӯроки чорво супоришҳои мушаххас дод ва таъкид гардид, ки ин ба роҳбарони тамоми шаҳру ноҳияҳои дигари кишвар низ дахл дорад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин аз афзоиши шумораи ҷинояткорию қонуншиканӣ дар миёни ҷавонону наврасон изҳори нигаронӣ карда, доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбияи насли наврас, иҷрои босамари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дастуру ҳидоятҳо дод.

***www.prezident.tj***

## Барқияи тасаллият

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин барқияи тасаллият ирсол намуд, ки дар он аз ҷумла омадааст:

«Мӯҳтарам Владимир Владимирович, хабари ҳузнангези обхезии фоҷиавиро дар Кубан, ки боиси талафоти ҳазорҳо ҷони одамӣ ва хисороти бузург шуд, бо андӯҳи гарон дарёфтам.

Мо дар Тоҷикистон ба андӯҳи халқи дӯсту бародари Федератсияи Россия бо сабаби ҳалокати одамон ва оқибати харобиовари офати табиӣ шарик ҳастем.

Мӯҳтарам Владимир Владимирович, аз шумо хоҳиш менамоям, ки ҳамдардии самимии тамоми мардуми Тоҷикистон ва шахсан худамро ба пайвандону наздикони ҳалокшудагон ва орзуи зудтар шифоёбиро ба зарардидагон бирасонед».

***www.prezident.tj***

**● Дар кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



Суратгир А. ИСОЕВ

# Ҷонибдории қонунҳоро ба мақсад мувофиқ донистанд

**Ёздаҳуми июл ҷаласаи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия доир гардид.**

Раиси Кумита Саидмурод Тағоев ҷаласаро ҳусни оғоз бахшида, зикр намуд, ки ба рӯзномаи он Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯроквориӣ» ворид мебошад.

Сипас, аъзои Кумита масъалаҳои мазкурро дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор доданд. Дар хотимаи ҷаласа, вобаста ба масъалаҳои баррасишуда, дар алоҳидагӣ хулосаҳои Кумита қабул ва ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***



Суратгир А. ИСОЕВ

# Масъалаҳои баррасигашта ҷонибдорӣ ёфтанд

**12 июли соли 2012 таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Мамадшо Илолов ҷаласа доир гардид.**

Дар ҷаласа масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтанд: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», доир ба пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Роштқалъа, Ишкошим, Шуғнон ва Ванҷ», доир ба пешниҳодоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳодоти Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ёвон» ва «Оид ба тағйир додани номи деҳаи Туятоши шаҳри Сарбанд», доир ба пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Қайроққум», доир ба пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Ваҳдат «Оид ба тағйир додани номи деҳоти Дӯстӣ».

Аъзои Кумита И. Абдуллоев, С. Абдураҳмонов, М. Сатторова, С. Валиев оид ба масъалаҳои мавриди муҳокима фикру андешаҳои худро баён карданд.

Доир ба ҷонибдории масъалаҳо хулосаҳои алоҳидаи Кумита қабул ва барои баррасӣ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуданд.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

# Вакилон бо роҳбарони ҷамъияти тоҷикистониён мулоқот карданд

Чанде пеш дар ҳошияи сафари вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайфулло Гиёев, Насрулло Маҳмудов, Баракатулло Атохоҷа ва Абдузафар Иномов ба шаҳри Брюссел, вохӯрии онҳо бо роҳбарияти Ҷамъияти тоҷикистониёни Белгия, Нидерланд ва Люксембург Толия Тоирова ва Зафар Самадов, инчунин бо роҳбари Маркази фарҳангии тоҷикон, профессор Александре Тоуроветс баргузор гардид.

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фаъолияти Ҷамъияти тоҷикистониёни Белгия, Нидерланд, Люксембург ва Маркази фарҳангии тоҷикон дар Белгия шинос шуданд. Ҳаёт, таҳсил, фаъолияти кории ҳамватанон ва нақшаҳои Маркази фарҳангии тоҷикон дар таҳкими робитаҳои фарҳангу маориф бо сохторҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар маркази диққат буд.

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳими сохторҳои ҷамъиятии зикршударо дар ташаккули симои мусбии Тоҷикистон дар маркази Иттиҳоди Аврупо таъкид сохта, дастгирӣ ва омодагии худро бо мақсади амалӣ гардидани нақшаҳои созандаи Ҷамъияти тоҷикистониёни Белгия, Нидерланд, Люксембург ва Маркази фарҳангии тоҷикон иброз доштанд.

***АМИТ «Ховар»***

**● Клуби «Экожурналистон»**

# Меъёрҳои экологӣ риоя мешаванд?

Дар зиндагӣ ҳама чиз меъёр ва ҳад дорад ва инсон бояд тартибу низомро риояву иҷро намояд, вагарна барои худ мушкилӣ эҷод менамояд. Масалан, риоя накардани қонуну қоидаҳои табиат боиси вайроншавии муҳити зист ва тандурустии одам мегардад ва имрӯз мо онро бараъло мушоҳида мекунем. Ин дарҳолест, ки тамоми дастуру меъёрҳо (стандартҳо) таҳия гардидаву муайян шудаанд.

Ба гуфтаи сардори Маркази стандартикунонӣ ва меъёрҳои экологии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бозор Абдураҳимов, айни ҳол дар ҷаҳон 27 ҳазор намуди стандартҳо амал мекунанд. Дар Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тоҷикстандарт» 73 намуди стандарт, ки дар кишварамон амал мекунад, ба қайд гирифта шудааст.

Ин мавзӯи муҳим мавриди гуфтугӯйи навбатӣ дар маҳфили аъзои Клуби «Экожурналистон»-и Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифт. Бозор Абдураҳимов таври муфассал оид ба фаъолияти Маркази стандартикунонӣ ва меъёрҳои экологӣ маълумот дода, аз ҷумла зикр намуд:

-Дар кишвари мо ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба стандартҳои давлатӣ таҳия ва тасдиқ гардидаанд. Аз ҷумла дар доираи иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ», инчунин дигар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади муайян намудани меъёр, қоида ва хусусиятҳо (талабот) ҷиҳати таъмини корҳои бехатарии маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ барои ҳаёт ва саломатӣ, амвол ва ҳифзи муҳити зист, мутобиқати сифати маҳсулот, кору хизматрасонӣ ба иҷрои вазифаҳои марбута мувофиқи сатҳи пешрафти илму техника ва технология, қобили рақобат будани он дар бозори ҷаҳонӣ, ҳифзи манфиат ва ҳуқуқи истеъмолгарон кори зиёд анҷом дода мешавад.

Дар робита ба риояи меъёрҳои умумиҷаҳонӣ дар соҳаи стандартонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории байналмилалӣ, минтақавӣ ва дуҷонибаи илмию техникиро ба роҳ мондааст. Ин ҳамкориҳо мутобиқи қарори комиссияҳои байнидавлатӣ оид ба ҳамкории илмию техникӣ ва иқтисодӣ, созишномаю қарордод ва протоколҳои дар асоси онҳо оид ба ҳамкорӣ имзошуда ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои Тоҷикистон дар мавриди санадҳои зикргардидаи байналмилалӣ қабул шудаанд, роҳандозӣ мешаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии стандартонии категорияҳои зерин амал мекунанд: стандартҳои байналмилалӣ (минтақавӣ); стандартҳои байнидавлатӣ - ГОСТ; стандартҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - СТ ҶТ; стандарти соҳаҳо - СТС; стандарти корхонаҳо - СТК; шароити техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ШТ ҶТ.

Дар робита ба таърихи стандартонӣ Бозор Абдураҳимов, аз ҷумла иттилоъ дод, ки стандартонӣ ҳамчун мафҳум таърихи дуру дароз дошта, дар давлатҳои тараққикардаи капиталистии Европа байни солҳои 1903- 1907 ба вуҷуд омадааст. Аввалин ҳуҷҷатгузориҳо оид ба сифати маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, тарзи воридот ва содироти онҳо буданд. Баъдан, солҳои сиюм ва чилуми асри XX оид ба тартиб ва низоми маҳсулоти истеҳсолшаванда, тартиби бақайдгирии молҳои воридшаванда, тартиби пардохтҳо ҳуҷҷатгузориҳо нисбати стандартонӣ низ ба вуҷуд омад. Солҳои 1970-1976 дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аввалин стандартҳои давлатӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ба вуҷуд омад. Дар асоси ин ҳуҷҷат минбаъд дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва стандартҳои ҳифзи муҳити зист таҳия гардиданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 1992 ҳамчун давлати мустақил аъзои Шӯрои байнидавлатии стандартизатсия, метрология ва сертификатсияи кишварҳои ИДМ буда, дар қаламрави он ҳама намуди стандартҳои аъзои ин Шӯро тибқи созишнома дар ҳудуди ИДМ ва аз он ҷумла дар Тоҷикистон, истифода мешаванд.

Зимни маҳфил ба хабарнигорон оид ба намудҳои стандартҳои амалкунанда, номгузории гурӯҳи стандартҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, бамеъёрдарории сифати муҳити зист ва ғайра маълумот дода шуд. Ҳамзамон дар боби риояи меъёрҳои мавҷуда суолҳо пешниҳод гардида, мубодилаи афкор сурат гирифт. Масъулин ва аҳли нишаст иброз доштанд, ки дар кишварамон, бо вуҷуди он ки тамоми намудҳои стандартҳо муайян шудаанд, вале на ҳамаи онҳо риоя ва иҷро мешаванд. Омилҳои чунин муносибат бошад, бемасъулиятии баъзе роҳбарону мутасаддиён ва маърифати пасти экологии мардум арзёбӣ гардид.

***Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

# ЭКСПЕДИТСИЯИ ГЕОЛОГӢ БА САРЕЗ ОМАД

Чанде пеш бо ташаббуси Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии молиявии Ширкати «Газпром интернешнал»-и Федератсияи Россия ташкил ва гузаронидани экспедитсияи геологӣ ба кӯли Сарези Тоҷикистон имконпазир гардид.

Ёдовар мешавем, ки кӯли Сарез 18 феврали соли 1911 ҳангоми бо ярч баста шудани маҷрои дарёи Мурғоб пайдо шуда, дар натиҷа сарбанди баландиаш 567 м ба вуҷуд омадааст.

Оби кӯл то соли 1914 ҷоринашаванда буд. Соли 1967 дар соҳили рости кӯл қитъаи ярҷӣ муайян карда шуд.

Кӯл иншооти нодир мебошад ва мушоҳидаи доимии геологӣ, омӯзиш ва таҳлилро талаб менамояд. Саридораи геология идоракунӣ ва мутобиққунии корҳо дар соҳаи омӯзиши геологии қаъри замин, инчунин мувофиққунонии арзёбии маҷмӯи (комплексии) пешгӯикунии ҳолатҳои муҳандисӣ-геологиро амалӣ менамояд. Бо ҳамин сабаб ташкили экспедитсияи номбурда аз ҷониби Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мантиқӣ мебошад.

Ба ҳайати экспедитсия мутахассисони дастгоҳи маркazии Саридораи геология, экспедитсияҳои ҷанубии гидрогеологӣ, геофизикӣ ва ҷустуҷӯӣ-аксбардорӣ, геологҳои «Газпром интернешнал», мутахассиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мудири шӯъбаи экология ва ҳолатҳои фавқулоддаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил буданд.

***Хадамоти матбуотии Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# «ВАХШ» - МАКТАБИ ТАРБИЯИ РӮЗНОМАНИГОРОН

Имсол ба таъсиси рӯзномаи «Вахш»-и ноҳияи Вахш 80 сол пур мешавад. Дар давраи азхудкунии водии Вахш рӯзномаи «Ударник Вахшстроя» чоп мешуд, ки дар он корнамоиҳои сохтмончиёни фотеҳони водӣ инъикос меёфт. Минбаъд он бо номҳои гуногун, аз ҷумла «Ифтихори Вахш», «Вахш» чоп гардид.

Рӯзномаи «Вахш» минбаъд ба мактаби ҳақиқии маҳорати журналистӣ табдил ёфта, шахсиятҳои шинохта, аз ҷумла Мирсаид Миршакар дар ин рӯзнома кор кардаанд. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дорандаи чандин ордену медалҳо Толиб Неъматов тӯли 17 сол муҳаррири ин рӯзнома буд.

Дар ҷамъомади тантанавии ба ин муносибат доиргардида, раиси ноҳияи Вахш Бароталӣ Юсупов гуфт, ки рӯзномаи «Вахш» рисолати таърихӣ дорад ва хизматҳои ба ҷо овардаи коллективи он чӣ дар аввали солҳои сиюм, чӣ баъд ва то имрӯз басо арзанда мебошад.

Дар ин ҷамъомади тантанавӣ корманди масъули Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Миршариф Носиров, мудири шӯъбаи иттилоотӣ-таҳлилии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон Амиршоҳ Раҳимов, раиси бахши вилоятии Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Ҳамрои Салим, собиқ кормандони рӯзномаи «Вахш» Грез Қосимов, Мирзомаҳмуд Мирбобоев, Мирзо Сулаймонов, Боймурод Саидалиев ва дигарон аҳли эҷоди рӯзномаро ба ин муносибат табрик намуданд.

***М. АЪЗАМ, «Садои мардум»***

**● Вакилони халқ 1938-2010**



# ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**БУРҲОНОВ Исмоил**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ленин №74, шаҳри Ӯротеппа***

Соли 1914 дар деҳаи Боғи калони ноҳияи Ӯротеппа таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1938 сар кардааст. Котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳиявии Колхозчиён, соли 1950 котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ интихоб шуд. Ҷонишини мудири шӯъбаи КМ ҲК Тоҷикистон, котиби дуюми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Октябр, котиби Кумитаи ҳизбии истеҳсолотӣ-саноатии Ӯротеппа буд.

Бо орденҳои Байрақи Сурх, Ҷанги ватании дараҷаи I, Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва бо чор медал мукофотонида шудааст.



**БАРОТБЕКОВ Йӯлдошбек**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии ба номи Горкий №75, шаҳри Ӯротеппа***

Соли 1890 дар шаҳри Ӯротеппа таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Соли 1926 узви артели ҳунармандӣ-кооперативии «Меҳнати Сурх»-и шаҳри Ӯротеппа шуд. Сазовори номи фахрии Рассоми ҳалқии ҶШС Тоҷикистон ва Ходими хизматнишондодаи санъати ҶШС Тоҷикистон гардидааст.

Бо орденҳои Ленин, «Нишони Фахрӣ», медалҳои «Барои меҳнати шоён», «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**ФЛИГЕЛМАН Яков Исакович**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии №76, Ӯротеппа шаҳри Ӯротеппа***

Соли 1914 дар шаҳри Мелитополи ҶШС Украина таваллуд ёфтааст. Миллаташ яҳудӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1931 сар кардааст. Аз соли 1948 сардори НОБ-и Шаҳрихони ҶШС Ӯзбекистон, аз соли 1952 сардори сохтмони НОБ-и «Қайроққум», аз соли 1958 сардори Трести «Тоҷикэнергострой» ва аз соли 1961 сардори Трести «Тоҷикселинстрой» буд.

Бо орденҳои Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва ду Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**БУРДИКО Анна Алексеевна**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Фрунзе №77***

Соли 1926 дар вилояти Кемерово таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус, таҳсилоташ миёна.

Соли 1941 дар шахтаи «Коксовая»-и вилояти Кемерово ақрабакчии самти роҳи оҳан (стрелочница) шуда, то соли 1944 кор мекунад. Баъд ошпаз ва санитаркаи касалхона буд. Дар Ҷӯли Малик, «Тоҷикселинстрой» ва Заводи бетонтайёркунӣ мотористка шуда кор мекард.

Бо Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**ҲАМРАЛИЕВА Пиёсат**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ашт №78, ноҳияи Ашт***

Соли 1939 дар ноҳияи Ашт таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ. Соли 1961 Институти омӯзгории шаҳри Ленинободро тамом кардааст.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1961 ҳамчун муаллимаи мактаби 11-солаи ба номи Ҷомӣ сар кардааст.



**ОДИНАЕВА Майрам**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ҷарбулоқ №79, ноҳияи Ашт***

Соли 1930 дар деҳаи Ошобаи ноҳияи Ашт таваллуд ёфтааст. Миллаташ ӯзбек, таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1947 дар колхози ба номи Калинини ноҳияи Ашт сар кардааст. Соли 1960 курси ронандаи мошинаҳои пахтачиниро тамом кард. Моҳи декабри соли 1960 сардори бригадаи пахтакории хоҷагии мазкур таъин шуд.



**НАБИЕВ Раҳмон**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Улянов №80, ноҳияи Ашт***

Соли 1930 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1946 сар кардааст.Аз соли 1954 сармуҳандиси МТС-и Исфисор, директори РТС-и Хуҷанд, сардори Сарраёсати механиконӣ ва ҷорикунии техникаи нави Вазорати хоҷагии деҳоти ҶШС Тоҷикистон, ҷонишини раиси Иттиҳодияи ҷумҳуриявии «Тоҷикселхозтехника» шуда кор кард. Аз соли 1961 ҷонишин, мудири шӯъбаи КМ ҲК Тоҷикистон ва мудири шӯъбаи саноати коркарди ашёи хоми хоҷагии қишлоқ буд.



**ОДИЕВА Хонбибӣ**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Эрйигитов №81, ноҳияи Ашт***

Соли 1927 дар деҳаи Бободархони ноҳияи Ашт таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна. Соли 1953 Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Конибодомро хатм кардааст.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1945 ҳамчун муаллимаи мактаби ҳафтсола оғоз кардааст.

Аз соли 1957 дар корҳои ҳизбӣ ва шӯравӣ, инструктори Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ашт кор карда, ҷонишин ва аз соли 1961 раиси Комиҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони ноҳияи Ашт буд.



**РАҶАБОВА Сайлӣ**

***Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ленин №82, ноҳияи Восеъ***

Соли 1922 дар деҳаи Боғтемури ноҳияи Совет таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1940 ҳамчун узви артели хоҷагии деҳаи ба номи Ленини ноҳияи Восеъ сар кардааст. Аввал сардори звено ва аз соли 1956 сардори бригадаи пахтакории ҳамин артел буд.

Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**

**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

## Аз нишастҳои матбуотӣ





## Кадрҳои баландихтисосро тарбия мекунанд

- Имсол 712 нафар донишҷӯй донишкадаро хатм намуд, ки 484 нафарашон омӯзгор ва 212 нафарашон тарҷумон мебошанд.

Дар асоси литсензияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар донишкада барои солҳои таҳсили 2012-2013-ум даҳ ихтисоси нав, аз ҷумла забони хитойӣ, информатика, забонҳои арабӣ- англисӣ, забонҳои форсӣ- англисӣ, забони олмонӣ, минтақашиносӣ, забони фаронсавӣ ба роҳ монда мешавад. Дар донишкада ду моҳвораи таълимӣ, 173 компютер, ду ҳуҷраи лингофонӣ, се адад доскаи электронӣ мавҷуд буда, тамоми сохторҳои он ба Интернет пайваст гардидаанд. Бо донишҷӯёне, ки тибқи квотаи Президентӣ таҳсил мекунанд ва барои ҷавонону духтарони ноҳияҳои дурдаст дарсҳои иловагӣ ва чорабиниҳои илмию маърифатӣ доир мегарданд,- иброз дошт зимни нишасти матбуотӣ ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Хуршед Зиёев.

Номбурда ҳамчунин иброз намуд, ки бахшида ба ҷашнҳои миллӣ дар ҳамкорӣ бо Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе ва ноҳияи Сино як қатор чорабиниҳо, аз қабили «Кадбонуи беҳтарин», «Мубориза бар зидди маводи нашъовар», «Оилаи солим- ҷомеаи солим», «Забон донӣ -ҷаҳон донӣ», «Худшиносӣ ва ифтихори миллӣ дар миёни ҷавонон», «Эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ» ва ғайра доир гардид. Бо якчанд донишгоҳу донишкадаҳои мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла бо Донишгоҳи дӯстии халқҳои Федератсияи Россия, Донишкадаи забон ва адабиёти рус ба номи А.С. Пушкини Федератсияи Россия, Донишгоҳи технологии Гуйлини Ҷумҳурии Халқии Хитой созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расид, Лоиҳаи созишномаи ҳамкорӣ бо Донишгоҳи лингвистии Иркутск мавриди омӯзиши тарафайн қарор дорад.

Донишкадаи мо ба номи устод Сотим Улуғзод номгузорӣ шудааст. Басо ифтихормандем, ки якуми сентябри соли равон ҷашни 100- солагии устод Сотим Улуғзодаро дар донишкада доир менамоем.

***Фирӯза ҲАБИБУЛЛОЕВА,***
***«Садои мардум»***

## НОМУВОФИҚАТИИ 36 СОҲИБМАНСАБ БА ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

Муовини Сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Грез Қосимов иброз дошт, ки тибқи Нақшаи кории Раёсати хизмати давлатӣ барои нимсолаи якуми соли 2012 рафти иҷрои Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 - 2016, иҷрои қонунгузории хизмати давлатӣ, аз ҷумла натиҷаи баҳодиҳии фаъолият, банақшагирии ротатсия, сифати дастурамалҳои мансабии таҳияшуда, риояи талаботи тахассусӣ ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷалби занон ба хизмати давлатӣ, пешниҳоди дархости мақоми давлатӣ барои таҳсили хизматчиёни давлатӣ, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши забонҳо ва татбиқи кафолатҳои иҷтимоӣ нисбати хизматчиёни давлатӣ дар вазоратҳои адлия, молия, маориф, рушди иқтисод ва савдо, кишоварзӣ, фарҳанг, кумитаҳои андоз, ҳифзи муҳити зист, Хадамоти назорати давлатӣ ва танзим дар соҳаи нақлиёт, дастгоҳи Суди Олии иқтисодӣ, ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд, шаҳри Норак ва ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, ноҳияҳои Сино ва Фирдавсии шаҳри Душанбе санҷида шуд.

Санҷишҳо ҳолатҳои бе озмун қабул шудани хизматчиёни давлатӣ, риоя нашудани тартиби бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ, дер аз мӯҳлат ба аттестатсияи навбатӣ фаро гирифтани хизматчиёни давлатӣ, кам аҳамият додан ба таҳсили хизматчиёни давлатӣ, иҷро нашудани бандҳои дахлдори Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2016 муайян намуда, санадҳои санҷишӣ барои ислоҳи камбудиҳо ба мақомоти давлатии мазкур ирсол шуд.

Мувофиқи рӯйхат ва ҷадвали тасдиқгардида дар мақомоти давлатӣ бояд 655 нафар хизматчии давлатӣ ба аттестатсияи навбатӣ ва такрорӣ фаро гирифта мешуд. Бо сабабҳои узрнок 30 нафар хизматчиёни давлатӣ дар аттестатсия иштирок накарданд.

Комиссияҳои аттестатсионӣ 36 нафарро ба мансаби ишғолнамуда номувофиқ баҳогузорӣ карда, барои фарогирӣ ба такмили ихтисос тавсия доданд.

Мониторинги баргузории озмунҳо нишон дод, ки дар ин давра барои ишғоли 398 мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон карда, ба 268 мансаби холӣ бо иштироки 366 нафар довталаб озмун гузаронида, 261 нафар довталабон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тавсия дода шуданд, ки 28 нафари онҳо занон мебошанд.

***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***

## САФИ ДОНИШҶӮЁН МЕАФЗОЯД

**Дар Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон аз рӯйи ҷамъбасти шашмоҳаи соли хониш ва фаъолияти ҳайати устодон ва дигар кормандони ин даргоҳи илм нишасти матбуотӣ доир гардид. Нишастро ноиби ректор оид ба корҳои таълим, доктори илмҳои филология, профессор Хусрав Шанбезода оғоз намуд.**

Тибқи иттилои ноиби ректор, донишгоҳ, аккредитатсия ва аттестатсияро бомуваффақият гузашта, барои шаш соли оянда Шаҳодатнома (аз 19 марти соли 2012 таҳти №1482) гирифт.

Алҳол дар донишгоҳ дар баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин 132 нафар шаҳрвандони хориҷӣ аз Федератсияи Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон низ таҳсил доранд.

Дар ин миён чандин шартномаҳои ҳамкорӣ байни донишгоҳ ва Коллеҷи байналмилалии Океани ороми Зеландияи нав, Институти политехникии Гуйлини Ҷумҳурии Халқии Хитой, Донишгоҳи Шарқӣ-Баҳри миёназамини Фамагусти Кипри Шимолӣ, Донишгоҳи давлатии педагогии Тула ба номи Л.Н. Толстой ва ғайра ба имзо расид.

Дар назди донишҷӯёни донишгоҳ тӯли соли хониш беҳтарин профессорон аз Германия, Россия ва Зеландияи нав бо лексияҳои пурмазмун баромад намудаанд.

Дар ин муддат нӯҳ нафар устодони донишгоҳ дар макотиби олии хориҷи кишвар такмили тахассус карда, 16 нафарашон дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ иштирок ва баромад карданд. Зиёда аз 30 нафар донишҷӯй хонишро дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Халқии Хитой идома медиҳанд.

Натиҷаи кори хуби роҳбарияти донишгоҳ ва ҳайати устодон аст, ки сол то сол сафи донишҷӯён, бахусус довталабон, зиёд мешавад.

***Тиллои НЕКҚАДАМ,***
***«Садои мардум»***

## САНҶИШУ ИМТИҲОНОТ ХУБ ҶАМЪБАСТ ГАРДИДАНД

Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санҷишу имтиҳонот хуб ҷамъбаст гардиданд, ки натиҷаи назорати қатъӣ, гузаронидани санҷишҳои доимӣ дар мавриди давомот, азхудкунии дарсҳо ва интизоми меҳнат буд,- иброз дошт зимни нишасти матбуотӣ ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳ. Одинаев.

Бо вуҷуди тадбирандешиҳо, роҳбарияти донишгоҳ маҷбур гардид бо сабабҳои сари вақт насупоридани санҷишу имтиҳонҳо, қарздориҳо аз се ва зиёда фан 118 нафар донишҷӯёнро аз донишгоҳ хориҷ намояд. Имтиҳонҳои тобистонаро бошад, аз 6115 донишҷӯй 4053 нафар бомуваффақият супориданд, ки 66,3 фоизро ташкил медиҳад.

Дар донишгоҳ 32 синфхонаи таълимии компютерӣ бо тахтаҳои электронӣ, шаш маркази интернетӣ, ду китобхонаи махсусгардонидашудаи электронӣ фаъолият менамоянд. Аз 1500 адад компютери мавҷуда 1200 ададаш ба интернет пайваст аст.

Имсол донишҷӯён донишгоҳро аз рӯйи се дараҷа ва зинаи таҳсил - мутахассис (56 ихтисос), бакалавр (55 ихтисос) ва магистр (9 ихтисос) хатм намуданд. Теъдоди умумии хатмкунандагон аз рӯйи ҳамаи ин ихтисосҳо ва шаклҳои таҳсил, ки тибқи фармони ректор барои иштирок дар Комиссияи аттестатсионии давлатӣ рухсат гирифтанд ва аттестатсияи ниҳоиро ҷамъбаст намуданд, 3485 нафарро ташкил дод.

Дар ин давра аз ҳисоби пешпардохти муаллифон -унвонҷӯён, аспирантҳои донишгоҳҳои дигари ҷумҳурӣ ва мактабҳои олии Ҷумҳурии Исломии Эрон 70 ҳазору 220 сомонӣ ба хазинаи донишгоҳ маблағ ворид шудааст. Аз оғози соли ҷорӣ 14 номгӯй китобҳои дарсии озмунӣ ва чор васоити таълимӣ ба нашр расид. Дар ҳашт Шӯрои махсусгардонидашудаи донишгоҳ чор рисолаи докторӣ ва 51 рисолаи номзадӣ дифоъ гардид.

***Мирзо НУРАЛИЕВ,***
***«Садои мардум»***

## ХИЗМАТРАСОНИИ ПУЛАКӢ БЕШ АЗ ДУ БАРОБАР АФЗУДААСТ

- Ба истиқболи ҷашни 20-солагии Иҷлосияи таърихӣ ва тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Турсунзода ба истифода додани беш аз 20 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шуда, аз ин теъдод ҳаштояш мавриди истифода қарор гирифтаанд, - иброз дошт зимни нишасти матбуотӣ раиси шаҳри Турсунзода, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатшо Гулмаҳмадов ва илова кард:

- Соли 2011 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби заминҳои лалмӣ 523 гектар замин ҷудо шуда, бояд ба эҳтиёҷмандон ҳамчун замини наздиҳавлигӣ тақсим шавад. То ин муддат 243 гектар замин ба 1911 оила тақсим гардида, тақсимоти замин дар асоси аризаҳои эҳтиёҷмандон идома дорад.

Нишондиҳандаҳои соҳаҳои хоҷагии халқи шаҳр дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ қаноатбахш буда, қисми даромади буҷети давлатӣ 103 фоиз ва буҷети маҳаллӣ 102 фоиз иҷро шуд. Ҳама намуди андозҳои маҳаллӣ сифатан иҷро гардид.

Хизматрасонии пулакӣ, аз ҷумла хизматрасонии маишӣ пурраю барзиёд таъмин шуда, назар ба ҳамин давраи соли 2011 беш аз 250 фоизро ташкил намуд.

Бинобар сардии зимистон ва баҳори имсола ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва молҳои ниёзи мардум кам шуд. Сарфи назар аз сармои тирамоҳи соли гузашта ва зимистони имсола, пешравиҳои кори кишоварзон дар ҳама самтҳо қобили мулоҳизаанд. Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ кишоварзон ба маблағи 77 млн. 392 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7 млн. 228 ҳазор сомонӣ зиёд аст.

Тӯли ин давра майдони боғу токзор 188 гектар афзуд. Истеҳсоли сабзавот нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1883 тонна зиёд гардидааст. Аз ҷумла ҳоло 7400 тонна пиёз ҷамъоварӣ ва зиёда аз 4,5 ҳазор тоннаи он содирот шудааст. Помидору бодиринг низ хеле зиёд ҷамъоварӣ гардид.

Раиси шаҳри Турсунзода Давлатшо Гулмаҳмадов ба суолҳои зиёди хабарнигорон, аз ҷумла ба саволҳои муаллифи ин сатрҳо дар бобати вазъи осорхонаи шаҳрӣ, фаъолияти комиссияи номгузорӣ, роҳҳои бартараф кардани қарздорӣ аз музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ посухҳои қаноаткунанда гуфт.

***Абдулмаҷид МУРОДОВ,***
***«Садои мардум»***

## ВАРЗИШУ ТУРИЗМ РУШД ЁФТ

Доир ба натиҷаи фаъолияти Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷум-ҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2012 нишасти матбуотӣ доир шуд.

Раиси кумита Маликшо Неъматов нишастро ифтитоҳ карда, иброз намуд, ки давоми нимсолаи аввали соли ҷорӣ, дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон 6540 чорабиниҳо ташкил гардида, 358000 нафар ҷавон бо тадбирҳои алоқаманд фаро гирифта шуд. Аз ҷумла дар доираи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012-ум 750 чорабинӣ баргузор гардида, 85570 нафар ҷавонон ба кори он ҷалб гардиданд.

Варзишгарони тоҷик дар 62 чемпионати ҷаҳон, Осиё ва мусобиқаҳои литсензионӣ ширкат варзида, соҳиби 221 медал шуданд. Онҳо 61 медали тилло, 68 медали нуқра ва 92 медали биринҷӣ ба даст оварданд.

Бахшида ба 20- солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр-ҳои Душанбе, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Хуҷанд, Истаравшан, Турсунзода ва ноҳияи Рашт Бозиҳои варзишии ҷавонон аз рӯйи даҳ намуд доир гардид.

Дар соҳаи туризм низ пешравӣ қобили мулоҳиза мебошад. Давоми нимсолаи аввал ба кишвари мо 154 ҳазор нафар шаҳрванди хориҷӣ ташриф овард, ки 59 ҳазор нафар худро турист муаррифӣ карданд. Ҳамин тариқ, нисбат ба давраи соли 2011 беш аз 15000 нафар зиёдтар сайёҳон ба тамошои Тоҷикистон омаданд.

***Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,***
***«Садои мардум»***

## Қуръапартоӣ ҳаҷравандаҳоро муайян кард

Фаъолияти Кумитаи оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шашмоҳаи аввали соли 2012 баҳри амалӣ намудани сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, ҳамоҳангсозии муносибати байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо равона гардид, - гуфт зимни суханронӣ муовини раиси кумита М. Мухторов.

Айни ҳол дар мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин як Маркази исломӣ, 42 масҷиди ҷомеи марказӣ, 355 масҷиди ҷомеъ, 3432 масҷиди панҷвақта, як Кумитаи рушди ҷамоатхонаҳои шиаи имомии исмоилӣ, як ҷамоаи динии ғайриисломӣ, шаш мадрасаи миёна ва 74 ташкилоти дини ғайриисломӣ ба қайд гирифта шуда, фаъолият мекунанд.

Самтҳои муҳими фаъолияти кумита ташхиси давлатии диншиносӣ ва таҳсилоти динӣ ва назорати таблиғоти динӣ ба шумор меравад, ки аз 353 адабиёти воридшуда ба 242 адади он хулосаҳои дахлдор пешниҳод гардида, ба 112 адабиёти дигар бинобар такроран пешниҳод шудани онҳо маълумотнома фиристода шудааст. Аз 2561 нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки ғайрирасмӣ дар муассисаҳои таълимии динии кишварҳои хориҷ таҳсил мекарданд, 2322 нафари онҳо ба ватан баргашта, 251 нафарашон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Кумитаи оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи январи соли ҷорӣ тибқи нақшаи корӣ рафти қабули шаҳрвандонро оид ба сафарбар намудани ҳаҷи фарзӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ санҷида баромад. Дар таърихи 19 апрели соли 2012 маҷлиси Ситоди ҷумҳуриявии оид ба омодагӣ ва баргузории мавсими Ҳаҷ-2012 протокол ва нақшаи тартиби сафари дастаҷамъии шаҳрвандон ба ҳаҷ ва ҳаҷи умраро тасдиқ кард. Қабули ҳуҷҷатҳои ҳаҷравандагони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тибқи протокол дар кумита аз 1 июни соли 2012 то 29 июни соли 2012 муайян карда шуд. Имсол дар ҷумҳурӣ ду шакли равон намудани шаҳрвандон ба ҳаҷ: яке бо тариқи дархост ва дигаре қуръапартоӣ амалӣ карда шуд. Шакли қуръапартоӣ танҳо дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе гузаронида, дар он 360 нафар сокинони ноҳия, ки худи ҳамин сол барои рафтан ба ҳаҷи фарзӣ муроҷиат карда буданд, иштирок намуда, ҳар яке аз қуттӣ коғазчаеро бардошт. Коғазе, ки Ҳаҷ-2012 навишта шуда буд, ба 101 нафар сокинони ноҳия дастрас гардид. Имсол тибқи квотаи ҷудогардида 6000 сокинони ҷумҳурӣ ҳаҷи фарзиро адо менамоянд.

***Мирзо БОБОКАЛОНОВ,***
***«Садои мардум»***

---

**● ДОВТАЛАБ - 2012**

# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

## қабули довталабонро аз рӯйи барномаҳои «бакалавр», «магистр» ва «аспирантура» тибқи шартнома барои соли таҳсили 2012-2013 эълон менамояд

Донишҷӯён тибқи литсензияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шаҳодатнома оид ба аккредитатсияи давлатӣ ба шӯъбаҳои рӯзона ва ғойибона аз рӯйи ихтисосҳои зерин қабул карда мешаванд:

24.01.02 - «Ҳуқуқшиносӣ» бо зерихтисоси «Ҳуқуқи тиҷорат» (таълим бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ);

24.01.01.04 - «Ҳуқуқи тиҷорати байналмилалӣ» (таълим бо забони тоҷикӣ);

25.01.03- «Иқтисоди ҷаҳон» бо зерихтисосҳои «Бизнеси байналхалқӣ», «Иқтисодиёти ҷаҳонгардии байналмилалӣ» (таълим бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);

25.01.04- «Молия ва қарз» (таълим бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ);

25.01.04.02- «Фаъолияти бонкӣ» (таълим бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ);

25.01.07- «Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳо» (таълим бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ);

27.01.01.21- «Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот» (хӯроки умумӣ) (таълим бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ);

25.01.07.18 - «Иқтисодиёт ва идора дар корхонаи хоҷагиҳои меҳмонхона ва тарабхона» (таълим бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ);

25.01.08 - «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит» (таълим бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ);

25.01.09 - «Молшиносӣ ва экспертизаи сифати молҳои истеъмолӣ» (таълим бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ);

25.01.10 - «Тиҷорат дар бозори байналхалқии молу хадамот» (таълим бо забони тоҷикӣ);

26.02.02 - «Менеҷмент» бо зерихтисосҳои «Менеҷмент дар савдо ва хӯроки омма», «Бизнеси ҷаҳонгардӣ ва меҳмонхонадорӣ» (таълим бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ);

89.01.01 - «Сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ» (таълим бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ);

26.02.03.09- «Маркетинг дар бозори байналхалқии молу хадамот» (таълим бо забони тоҷикӣ);

26.02.03.01- «Фаъолияти рекламавӣ» (таълим бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ);

40.01.02.02- «Системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт» (таълим бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ);

49.01.31- «Технологияи маҳсулоти хӯроки омма» (таълим бо забони тоҷикӣ);

96.01.01 - «Фаъолияти гумрукӣ» (таълим бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ).

**Таҳсилоти дуюми олии касбӣ:**

24.01.02 - Ҳуқуқи тиҷорат (таълим бо забони русӣ).

25.01.03 - Иқтисодиёти ҷаҳон (таълим бо забони русӣ);

25.01.04 - Молия ва қарз (таълим бо забони русӣ);

25.01.08 - Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит (таълим бо забони русӣ).

**Қабул ба магистратура** аз рӯйи ихтисосҳои:

24.01.02 - «Ҳуқуқшиносӣ» бо зерихтисоси «Ҳуқуқи тиҷорат»;

25.01.03 - «Бизнеси байналмилалӣ»;

25.01.04.02- «Умури бонкӣ»;

25.01.07 - «Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхона».

26.02.02.00 - «Менеҷмент» бо зерихтисосҳои:

26.02.02.01- «Менеҷменти ташкилот»;

26.02.02- «Менеҷменти сайёҳӣ ва меҳмонхонадорӣ».

**Мӯҳлати таҳсил дар бакалавриат:**

-дар шӯъбаи рӯзона - 4 сол;

-дар шӯъбаи ғойибона - 5 сол.

**Дар магистратура:**

-дар шӯъбаи рӯзона- 2 сол;

-дар шӯъбаи ғойибона - 3 сол.

Забони таълим дар ДДТТ тоҷикӣ ва русӣ (барои ихтисоси 1-25.01.03 - «Иқтисодиёти ҷаҳон» инчунин бо забони англисӣ) мебошад. Имтиҳонҳои дохилшавӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ гузаронида мешаванд.

Таҳсил дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон шартномавӣ буда, арзиши солонаи таҳсил вобаста ба ихтисосҳо муайян карда шудааст.

Дар ДДТТ имтиҳонҳои қабул ба тарзи зайл сурат мегиранд: имтиҳон аз забони давлатӣ ва тест.

Имтиҳон аз забони давлатӣ, пеш аз имтиҳони тестӣ буда, ҳамаи довталабон, сарфи назар аз самт, равия ва ихтисоси интихобкардаашон, ҳатман иншо месупоранд.

Довталабоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо забони давлатӣ, русӣ, ӯзбекӣ ва бо забони ақаллиятҳои миллӣ хатм намудаанд ва ба гурӯҳҳои русии ихтисосҳои ғайрифилологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуҷҷат месупоранд, бо забони русӣ диктант менависанд.

Ба супоридани тест довталабоне иҷозат дода мешаванд, ки аз имтиҳони забони давлатӣ (иншо ё диктант) баҳои мусбат гирифта бошанд.

Вобаста ба ихтисосҳо саволномаҳои тестӣ фанҳои зеринро дар бар мегиранд:

Ихтисосҳои 25.01.04., 25.01.04.02., 25.01.08., 26.02.02., 25.01.07, 25.01.10., 25.01.07.18., 26.02.03.09., 26.02.03.01., 27.01.01.21., 40.01.02.02., 89.01.01.- математика, забон ва адабиёти тоҷик, асосҳои давлат ва ҳуқуқ;

Ихтисосҳои 1-25.01.03, 96.01.01 - математика, забон ва адабиёти тоҷик, забони англисӣ, асосҳои давлат ва ҳуқуқ;

Ихтисоси 1-24.01.02., 24.01.01.04- асосҳои давлат ва ҳуқуқ, забон ва адабиёти тоҷик, математика;

Ихтисоси 1-25.01.09, 1-49.01.31- кимиё, забон ва адабиёти тоҷик, асосҳои давлат ва ҳуқуқ.

Дар сурати аз як блоки тестӣ нагирифтани хол баҳои умумии тестӣ ғайриқаноатбахш ҳисобида мешавад.

Довталабоне, ки ба имтиҳони қабул ҳозир нашудаанд, баҳои ғайриқаноатбахш гирифташуда ҳисобида мешаванд.

Имтиҳони қабул тибқи ҷадвали тасдиқшуда дар рӯзи муайяншуда гузаронида мешавад.

Натиҷаи санҷиши иншо баъди 48 соати супоридани имтиҳон ва натиҷаи санҷиши тестӣ на дертар аз 24 соат эълон карда мешавад.

Аз рӯйи натиҷаҳои имтиҳони дохилшавӣ довталаб ҳуқуқ дорад, ки оид ба натиҷаи баҳои имтиҳониаш ба комиссияи апеллятсионии назди муассисаи таълимӣ ба таври хаттӣ дар мӯҳлати то се рӯз муроҷиат намояд. Довталаб ҳуқуқ дорад, ки мутобиқи тартиботи муқаррарнамудаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо натиҷаи имтиҳони супоридааш шинос шавад. Баррасии апеллятсия аз нав супоридани имтиҳон набуда, балки танҳо санҷиши дурустии баҳои имтиҳони дохилшавӣ мебошад.

**Довталабон ба комиссияи қабул ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:**

1. Ариза ба номи ректори донишгоҳ;
2. Ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти умумӣ (пурра), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва таҳсилоти олӣ (намунаи давлатӣ - асл);
3. Маълумотномаи тиббӣ (шакли № 86-У);
4. Шаш дона расм (андозаи 3х4);
5. Шиноснома ё шаҳодатномаи таваллуд;
6. Билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи ҳарбии даъватшаванда;
7. Нусха аз дафтарчаи меҳнатӣ (агар собиқаи корӣ дошта бошад);
8. Шартнома (ду нусха).

Бо қоидаҳои қабул ба таври муфассал дар комиссияи қабули донишгоҳ шинос шудан мумкин аст.

Қабули ҳуҷҷатҳо аз 20 июн то 31 июли соли 2012 сурат мегирад.

Имтиҳони қабул аз 1 август то 20 августи соли 2012 гузаронида мешавад.

Қабул ба сафи донишҷӯён дар асоси озмун пас аз пардохти маблағи таҳсил ба суратҳисоби донишгоҳ то 25 августи соли 2012 сурат мегирад.

**Қабул ба аспирантура:**

Аспирантон ба шӯъбаи рӯзона, ғоибона ва унвонҷӯён аз рӯйи ихтисосҳои зерин қабул карда мешаванд:

1. 08.00.01 - Назарияи иқтисод;
2. 05.18.15 - Молшиносии маводи ғизоӣ ва технологияи маҳсулоти хӯроки омма;
3. 05.19.08 - Молшиносии молҳои саноатӣ ва ашёи хоми саноатӣ;
4. 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (соҳибкорӣ, соҳаи хизматрасонӣ);
5. 08.00.10 - Молия, гардиши пул ва қарз;
6. 08.00.12 - Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва омор;
7. 08.00. 13 - Услубҳои математикию инструменталии иқтисодиёт;
8. 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳон;
9. 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ.

Таҳсил дар аспирантура шартномавӣ буда, довталабон аз фанҳои зерин имтиҳони қабул месупоранд:

-аз ихтисос, фалсафа, забони русӣ, забони хориҷӣ.

**Дохилшавандагон ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:**

-ариза ба номи ректори донишгоҳ барои рухсат ба имтиҳоноти қабул, ки дар он ихтисос ва шӯъбаи омӯзиш муайян бошад;

-нусхаи дипломи маълумоти олӣ бо замимааш;

-варақаи шахсӣ барои баҳисобгирии кадрҳо;

-пешниҳоди кафедраи дахлдор;

-розигии хаттии роҳбари илмӣ;

-шаш дона расми 3х4;

-рӯйхати корҳои чопшуда ё реферат аз рӯйи ихтисос;

-нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ.

Қабули ҳуҷҷатҳо аз 1 август то 30 сентябри соли 2012 сурат мегирад. Имтиҳонҳои қабул аз 1 октябр то 1 ноябри соли 2012 гузаронида мешаванд.

Фармони қабул ба сафи аспирантон аз 10 ноябри соли 2012, пас аз ба суратҳисоби донишгоҳ гузаронидани маблағи таҳсил, ба имзо мерасад.

**Донишгоҳ ниёзмандонро ба хобгоҳ таъмин менамояд.**

**Суроғаи ДДТТ:**
734055, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2,
телефонҳо: **2-34-83-46, 2-34-87-60**,
2-34-83-48.**www. tguk.tj, tguk@mail.ru**

**Комиссияи қабул**

Ба таваҷҷуҳи довталабон мерасонем, ки дар донишгоҳ шӯъбаи тайёрӣ барои омӯзиши фанҳои математика, забони англисӣ, забон ва адабиёти тоҷик, асосҳои давлат ва ҳуқуқ фаъолият менамояд. Хоҳишмандон метавонанд ба комиссияи қабул муроҷиат намоянд.

***Донишгоҳ интизори довталабони лаёқатманд аст.***
***Марҳамат ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон!***

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

## БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН !

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2038/1-927 | Раёсати Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгӯй | 114 | 1.08.2012 соати $9^{00}$ |
| 2039/1-928 | Раёсати таъминоти моддӣ-техникӣ ва низомии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгӯй | 5 | 1.08.2012 соати $9^{30}$ |
| 2040/1-929 | Муассисаи давлатии идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди минтақаи Ҳисор | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Сӯзишвории дизелӣ Л-62 | литр | 10000 | 24.07.2012 соати $9^{00}$ |
| 2041/2-592 | Муассисаи давлатии роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Рӯдакӣ | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Сӯзишвории дизелӣ Л-62 | литр | 15000 | 1.08.2012 соати $9^{00}$ |
| 2042/2-593 | Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои рӯҳӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгӯй | 24 | 1.08.2012 соати $10^{20}$ |
| 2043/2-594 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Пардаи тӯри (тюль) Болишт 0,50х0,50 | метр дона | 2000 3000 | 1.08.2012 соати $10^{00}$ |
| 2044/2-595 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №48-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои техникӣ ва мебел | номгӯй | 9 | 24.07.2012 соати $9^{00}$ |
| 2045/3-477 | Институти иқтисодиёти кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино ва иншоот | тибқи санади нуқсонӣ | | 24.07.2012 соати $9^{30}$ |
| 2046/3-478 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷорӣ блоки хобгоҳи хориҷиҳо | тибқи санади нуқсонӣ | | 24.07.2012 соати $9^{50}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди баргузории озмун иштирок намоянд.



## ГАЛЕГА-НОВА ДАВОИ НАВИ БЕЗАРАР БАР ЗИДДИ ДИАБЕТИ ҚАНД

Дар ҷаҳони муосир беморон кӯшиш мекунанд, ки ҳангоми табобат то ҳадди имкон аз воситаҳои синтетикӣ камтар ва аз гиёҳу фитопрепаратҳо бештар истифода баранд. Охир воситаҳои кимиёвӣ як ҷойи касро шифо бахшад, ба ҷойи дигараш зарар мерасонад. Беҳуда нест, ки дар кишварҳои рушдкарда ба доруҳои кимиёвӣ танҳо дар сурати зарурати сахт рӯ меоранд (агар наркоз, воситаҳои сахттаъсир, таскинбахшҳои пурзӯр ва ғайра даркор шаванд). Инро ба инобат гирифта, корхонаи илмӣ-тадқиқотии «Биолит»-и Федератсияи Россия воситаи универсалии босамареро дар шакли хурӯшаҳо бо номи «ГАЛЕГА-НОВА» коркард намудааст. **ГАЛЕГА-НОВА** барои

**-табобати бемории диабети қанди навъҳои 1-2 ва пайтаъсирҳои (осложнение) он;**

-таъсири диабети қанд ба чашмон, гурдаҳо, пойҳо;

-шаклҳои гуногуни фарбеҳӣ; бемории варикозӣ;

-тарбод (ревматизм) ва мафосил (подагра) истифода бурда мешавад.

-шахсони бо инсулин вобаста ҳам метавонанд истифода баранд.

Инчунин таъсири зиддисклерозӣ дошта, рагу пайвандҳоро мустаҳкам мекунад.

**-Сатҳи глюкоза ва холестеринро дар хун паст мекунад.**

Бо доруҳои кимиёвӣ барои муолиҷаи диабети қанд истеъмол намудани ГАЛЕГА-НОВА, имкон медиҳад ба маротиб истифодаи доруҳои кимиёвиро кам намоед. Ҳангоми истифодаи ГАЛЕГА-НОВА, шахси дардманд беҳбудии саломатиашро баръало ҳис хоҳад кард.

Истеъмол: дар як рӯз се бор 1-қошуқчагӣ 20 дақиқа пеш аз хӯрок дар 100 мл оби гарм омехта нӯшед.

**Давомнокии истеъмол** аз 30 то 90 рӯз. Танафус ду-се ҳафта ва такрор то ду-се бор дар 1 сол.

**Ба номгӯйи «100 маҳсулоти беҳтарини Россия» дохил шудааст. Аз дорухонаҳо харидорӣ намоед.**

**Тел: ш. Душанбе 918-47-93-93 Вилояти суғд ва ноҳияҳои он: 985-33-33-17. Нархаш аз 33- 45 сомон**



## «КРАСНЫЙ КОРЕНЬ» - (СУРХРЕША)

**(ВИТАМИНҲОИ ЗИНДАИ ТАБИАТ)**

СУРХРЕША (КРАСНЫЙ КОРЕНЬ) номи мардумии растании камёфтест, ки дар кӯҳҳои баланд мерӯяд.

Аз замонҳои қадим СУРХРЕШАро барои мубориза бо бемориҳои мардона истифода мебурданд. Дар бораи он ки гиёҳ чӣ тавр қувваи мардиро зиёд мекунад, нақлҳои зиёде паҳн шудаанд.

Ҳангоми илтиҳоби ғадуди простата - простатит, яке аз бемориҳои паҳншудаи мардона, СУРХРЕША ба беҳшавии гардиши хун, кушодаву рафъ шудани қарораҳо дар ғадуди простата, эҳёи фаъолнокии ҷинсии мардона мусоидат мекунад.

Аденома, ки ба «дили мард» - ғадуди простата зарба мерасонад, дар марҳилаи ибтидоӣ хатарнок нест ва агар сари вақт табобати онро бо СУРХРЕША кунед, инкишофашро пешгирӣ кардан мумкин аст.

СУРХРЕША кӯмаки пурзӯр мерасонад, ба пурра холӣ шудани пешобдон мусоидат менамояд, зудии пешобкуниро, хусусан шабона, кам месозад.

Тавре маълум аст, бисёр вақт коҳишёбии фаъолнокии ҷинсӣ сабабгори шикастҳои ҳаётӣ мегардад.

СУРХРЕША - гиёҳи шифоии босамар бо таъсири нарму мулоим ба барқароршавии фаъолияти ҷинсии мардон такон медиҳад.

**Тарзи истеъмол:** Шишача 50 мл бо чакрарез рӯзе ду бор ба таги забон 10-20 чакра чакконда истеъмол намоянд.

Давраи истеъмол - 1 моҳ.

СУРХРЕША (КРАСНЫЙ КОРЕНЬ) дар таркибаш спирт ва қанд надорад, бинобар ин ба фарқ аз маҳсулоти дигар истеҳсолкунандагон барои ашхоси гирифтор ба як қатор бемориҳо, аз қабили диабет, атеросклероз, фарбеҳӣ ва ғайра, зарар надорад.

**Рақам барои алоқа:**

**ш.Москва (495) 921 44 54, www.merkana.ru**

**ш. Душанбе 918 47 93 93**

**Аз дорухонаҳо пурсон шавед.**

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

## БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН !

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | № т/р | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2012/1-914 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | 1 | Сервер-талаботи техникиаш баробар ба Proliant DL380pGen8 | маҷмӯъ | 1 | 27.07.2012 соати $14^{00}$ |
| | | | 2 | Сервер-талаботи техникиаш баробар ба Proliant DL360pGen8 | маҷмӯъ | 1 | |
| | | | 3 | SUA 2200 I APS Smart-UPS 2200 | адад | 1 | |
| | | | 4 | KVM ATEN CS1716i 16-портовый PS/2USB | адад | 1 | |
| | | | 5 | Жесткий диск 300 Gb 6G SAS 10K rpm Hot Plug | адад | 2 | |
| | | | 6 | Сетевой фильтр APS Surge Arrest Essetial P5BT-RS | адад | 1 | |
| | | | 7 | Patch Cord UTP кат. 5e 1,5м | адад | 4 | |
| | | | 8 | Инструмент LY-T2008R (обжим коннекторов RJ-45, RJ-11/12 с фикс.+зачиска витой пары) | адад | 1 | |
| | | | 9 | Шкаф APS Net Shelter SX 24U 600mm x1070mm Deep Evclosure AR3104 | адад | 1 | |
| | | | 10 | D-Link DGS-1016D Switch 16 port (16UTP 10/100/100Mbps) | адад | 1 | |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди баргузории озмун иштирок намоянд.



## ÁÎÐÎÂÀß ÌÀÒÊÀ (äàâîè çàíîíà)

**(ВИТАМИНҲОИ ЗИНДАИ ТАБИАТ)**

БОРОВАЯ МАТКА - ҳадяест барои занҳо, зеро дар навбати аввали он ба узвҳои занона таъсир мерасонад. Вале бо ин хусусиятҳои шифоии гиёҳ маҳв намешавад, беҳуда нест, ки мардум БОРОВАЯ МАТКА -ро «давои чил дард» медонанд.

Ин растанӣ аз қадим дар тибби мардумӣ кор бурда мешавад. Дар солҳои охир тибби анъанавӣ ҳам аз он ҳангоми табобати бемориҳои гинекологии илтиҳобӣ фаъолона истифода мебарад. Ғайр аз ин, он ҳангоми табобати комплексии бенаслӣ, хунравиҳо аз бачадон, токсикоз, вайроншавии давраи ҳайз, часпидани батну найҳо, халалдоршавии гузариш аз найчаҳои бачадон истифода мешавад.

БОРОВАЯ МАТКА таъсири пешоброн дошта, ҳини табобати равандҳои илтиҳобӣ дар гурдаҳо ва пешобдон самарабахш аст.

Гиёҳи БОРОВАЯ МАТКА кори тамоми системаи ҷинсӣ ва пешоброни занро беҳ мегардонад.

Маҳсулоти БОРОВАЯ МАТКА дар асоси технологияҳои баланд истеҳсол шудааст, дар Федератсияи Россия мислу монанд надорад. Бартарии ӯ аз гиёҳҳои хушк кардашудаи БОРОВАЯ МАТКА 3-4 маротиба афзалиятноктар аст.

**Тарзи истеъмол:** Калонсолон ва кӯдакони аз 14-сола боло рӯзе 2 бор ба таги забон 10-20 чакра чакконда, истеъмол намоянд. Давраи истеъмол - як моҳ.

БОРОВАЯ МАТКА дар таркибаш спирт ва қанд надорад, бинобар ин ба фарқ аз маҳсулоти дигар истеҳсолкунандагон барои ашхоси гирифтор ба як қатор бемориҳо, аз қабили диабет, атеросклероз, фарбеҳӣ ва ғайра, зарар надорад.

**Телефон барои маълумот**: ш.Москва (495) 921 44 54, WWW. merkana.ru ш. Душанбе 918 47 93 93

Аз дорухонаҳо пурсон шавед.

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

## БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

### Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияи озмуни хариди **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат** (минбаъд-мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Туғдона 12, телефон: **831-36-2-74-70**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмуни хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешавад, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Предмети харид | Воҳиди ченак | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Таъмири давоми роҳи мошингарди кӯчаи Хуросон, назди бозорчаи Гулистон | тибқи санади нуқсонӣ | 3.08.2012 соати $10^{00}$ |
| 2 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №135 | Иваз намудани боми бино ва таъмири дохили бино | тибқи санади нуқсонӣ | 3.08.2012 соати $10^{30}$ |

1.Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақоми Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2.Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3.Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢Номаи камоли силсилаи АН №104716-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи №39-и ноҳияи Темурмалик соли 1993 ба Маҳмадризоева Зарина Ҳикматуллоевна додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли силсилаи А №018101-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 58 (собиқ 46)-и ноҳияи Рӯдакӣ (собиқ ноҳияи Ленин) соли хониши 1991-1992 ба Аминова Гулбаҳор Абдусамадовна додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии №27401-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 2005 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи 50 - солагии Тоҷикистон, бинои 39/1, ҳуҷраи 66 ба Беназиров Садир додааст, эътибор надорад.

➢Манзилномаи шахсии № 013043-и гумшуда, ки онро Ҳукумати шаҳри Душанбе дар асоси протоколи №2 аз 29 марти соли 2005 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи 50 - солагии Тоҷикистон, бинои 39/1, ҳуҷраи 66 ба Беназиров Садир додааст, эътибор надорад.

➢Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 2005 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи 50 - солагии Тоҷикистон, бинои 39/1, ҳуҷраи 66 ба Беназиров Садир додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи бақайдгирии №10650-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Турсунзода бо суроғаи шаҳраки Мирзо Турсунзода, деҳаи Мавҷ 26 июли соли 1989 ба Худойназаров Саид додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии №379-и гумшуда, ки онро КДФБТ-и ноҳияи Фархор бо суроғаи деҳоти Фархор, деҳаи Аловуддин соли 2006 ба Давлатёрова Момаҷон додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатнома дар бораи қонунигардонии молу мулки гумшуда, ки онро 8 майи соли 2008 дар асоси қарори комиссия оид ба қонунигардонии молу мулки ноҳияи Фархор таҳти №5 ба Давлатёрова Момаҷон Давлатовна додааст, эътибор надорад.

➢Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А № 019437-и гумшуда, ки онро Кумитаи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори раиси ноҳияи Фархор таҳти рақами 178 аз 15 марти соли 2005 ба Давлатёрова Момаҷон додааст, эътибор надорад.

➢Расид (квитансия)-ҳои рақамҳои аз 0196401 то 0196440, дар маҷмӯъ 40 донаи гумшуда, ки онҳоро КВД «Обу коррези Душанбе» соли 2012 ба нозири корхона Шеров Диловар додааст, эътибор надорад.

➢Дипломи №0027279-и гумшуда, ки онро Литсейи технологии шаҳри Душанбе соли 2010 ба Мирзоев Ҷамол Розибекович додааст, эътибор надорад.

➢Дипломи РВ № 839958-и гумшуда, ки онро Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур) 16 марти соли 1989 бо қайди 5068 ба Ҳасанов Холмаҳмад Ризоевич додааст, эътибор надорад.

➢Дипломи силсилаи А №836-и гумшуда, ки онро Техникуми молиявӣ -иқтисодии шаҳри Душанбе соли 1995 ба Нурова Сурайё Нуралиевна додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли ШТС №0001006-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи рақами 25-и ноҳияи Ҳисор 15 июни соли 2002 ба Ахмедова Мунира Рустамовна додааст, эътибор надорад.

➢Патент бо РЯМ 0330019351-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 29 феврали соли 2010 ба Зокиров Зафар додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи гумшуда, ки онро Институти (ҳоло Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон) тиббии Тоҷикистон ба номи А. Сино 19 июни соли 1978 ба Давлятова Зулайхо Усмановна додааст, эътибор надорад.

## ЭЪЛОН

Тибқи қарори раиси ноҳияи Фархор таҳти рақами 1032 аз 15 ноябри соли 2011 «Дар бораи иҷозат додан барои лоиҳакашии сохтмони боғи фароғатӣ» лоиҳакашии сохтмони боғи фароғатӣ дар кӯчаи ба номи Ҳофизи Шерозии шаҳраки Фархор, ноҳияи Фархор оғоз гардид.

Ҳама арзу шикоятро Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фархор давоми як моҳ баъд аз нашри эълон қабул ва баррасӣ менамояд.

***Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фархор***

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

➢Шаҳрванд Очилдиев Нормат Тағоймуродович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0002468 бо РЯМ 1230000439 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 10 августи соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Шарипов Диловар Рустамҷонович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0132170 бо РЯМ 1230040112 ва РМА 125221557 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 27 июли соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Назаров Мусаффо Мустафоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0080923 бо РЯМ 0430036365 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 13 майи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ҶДММ «Шуҳрат-2003» дорои РЯМ 0710003214 бо суроғаи шаҳри Турсунзода, 4-ум микрорайон, бинои 20 ҳуҷраи 49, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ҶДММ «Тахмина» дорои РЯМ 0710002325 бо суроғаи шаҳри Турсунзода, 4-ум микрорайон, бинои 20, ҳуҷраи 49, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Раҷабов Хаёл Абдуҷаборович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0007104 бо РЯМ 1830000132 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб 11 августи соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Ризоев Рустам Аслиевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0226053 бо РЯМ 0230035795 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе 30 майи соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢Шаҳрванд Файзуллои Бурхон Ғафорзода, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0229702 бо РЯМ 0230034695 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе 11 апрели соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

## ТАСҲЕҲ

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, Даъватномаи (ДИО) №1984/-464, 1985/3-465, 01986/3-466 аз 5 июли соли 2012, ки санаи 6 июли соли 2012 таҳти №86-89 (2913-2916) дар рӯзномаи «Садои мардум» нашр гардида буд, санаи баргузории озмун 16 июли соли 2012 хонда шавад.

## ЭЪЛОН

**Иҷрочиёни Суди ноҳияи Ҳисор**

Амволи ба гаравгузошта - бинову иншоотҳо ва таҷҳизотҳое, ки дар ноҳияи Ҳисор, деҳоти Мирзо Ризо, деҳаи Гулистон воқеъ аст ва ба қарздор ҶДММ «Саъд» тааллуқ дорад, ба маблағи 5335000 сомонӣ ба тариқи музояда ба фурӯш мебароранд. Бинову иншоот ва таҷҳизоти мазкур аз 1571,0 $м^2$ иборат аст.

Аз ҷумла бинои аловхона - масоҳаташ 499,4 $м^2$, бинои якошёнаи 9 ҳуҷрадор - 307,3 $м^2$, бинои дуошёна -96,4 $м^2$, бинои сеошёнаи 7 ҳуҷрадор- 95,7 $м^2$;

- таҳхона (оҳану бетонӣ) - 128,9 $м^2$;
- бинои анбор иборат аз 3 ҳуҷра - 152,9 $м^2$;
- бинои анбор - 42,1$м^2$;
- бинои қаровулхона - 16,5$м^2$;
- бинои анбор 3 ҳуҷра - 191,6 $м^2$;
- бинои анбор аз 2 ҳуҷра - 429,8 $м^2$;
- сех аз 7 ҳуҷра - 238,7 $м^2$, соябон, анҷомхона 2 ҷой;
- устохона, душ, соябон, ҳоҷатхона.

Музояда 13 августи соли 2012 соати $10^{00}$ баргузор мегардад.

Хоҳишмандон метавонанд маълумоти иловагиро аз иҷрочиёни Суди ноҳияи Ҳисор, воқеъ дар ноҳияи Ҳисор, кӯчаи Ф. Абдуллоев №29, утоқи 5 дастрас намоянд.

**Телефонҳо:** 951-84-86-16, (83139) 25331.

Садои мардум
Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Некқадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 13 июли соли 2012, соати 12.50 иҷозат дода шуд. Адади нашр 24137 нусха

Навбатдори шумора
А. Мӯсоев

Тарроҳи компютерӣ
И. Самохин